# Принсипҳои мудирият

Сафармурод Ҳусейн

مشخصات کتاب
نام کتاب: اصول مدیریت
نویسنده: صفرمراد حسین
ناشر: انتشارات ...
ناظر: تشکل علمی پژوهشگران آسیای مرکزی
نوبت چاپ: اول ۲۰۲۳
تعداد چاپ: ۳۰۰ عدد
ISBN ....
Мушаххасоти китоб
Номи китоб: Принсипҳои мудирият
Нависанда: Сафармурод Ҳусейн
Ношир: Интишороти ....
Навбати чоп: аввал (2023)
Адади нашр: 300 нусха
ISBN: ....
Ҳадя: 100с.

# МУНДАРИҶА

**Сарсухан** ........................................................ 11
**Боби 1: куллиёт** ........................................................ 15
Даромад ........................................................ **17**
1.1. Мафҳуми мудирият ........................................................ **17**
1.2. Мудирият илм аст ё ҳунар? ........................................................ **18**
1.3. Таърихи мудирият ва сайри таърихии мактабҳои он ........................................................ **19**
1.4. Мудирият дар асрҳои миёна ........................................................ **20**
1.5. Мактабҳои мудирият ........................................................ **21**
1.5.1. Мактаби классикии мудирият ........................................................ **21**
1.5.2. Мактаби неоклассикии мудирият ё робитаҳои инсонӣ **24**
1.5.3. Назарияи систем ё баррасии созмон дар қолаби систем ..... **25**
1.5.4. Мактаби иқтизо (ҳолатӣ, ситуатсионӣ) дар мудирият .. **25**
1.5.5. Назарияи нақшҳои мудирӣ ........................................................ **26**
1.6. Сатҳҳои мудирият (мудирони мухталиф) ........................................................ **29**
1.7. Мафҳуми созмон ........................................................ **30**
1.8. Тақсимоти созмон ........................................................ **31**
1.9. Усули мудирият ........................................................ **34**
1.9.1. Барномарезӣ, Planning ........................................................ **38**
1.9.2. Созмондиҳӣ, Organizing ........................................................ **39**
1.9.3. Роҳбарӣ, Leadership ........................................................ **40**
1.9.4. Назорат, Controlling ........................................................ **41**
1.10. Мудирияти захираҳои инсонӣ ........................................................ **42**
1.11. Мудирияти рафтори созмонӣ ........................................................ **43**
1.12. Мудирияти фарҳанги созмонӣ ........................................................ **44**
1.13. Мудирияти стратегӣ ........................................................ **45**
1.13.1. Стратегия, Strategy ........................................................ **45**
1.13.2. Барномарезии стратегӣ, Strategic planning ........................................................ **46**
1.13.3. Мудирияти стратегӣ, Strategic management ........................................................ **48**
**Ҷамъбандии боби якум** ........................................................ 51

**Боби 2: барномарезӣ «Planning»** ........ 53

Даромад ........ **55**
2.1. Мафҳуми барномарезӣ ........ **55**
2.2. Зарурият ва аҳамияти барномарезӣ ........ **57**
2.3. Фоидаҳои барномарезӣ ........ **58**
2.4. Хусусиятҳои барномарезии хуб ........ **59**
2.5. Навъҳои барномарезӣ ........ **59**
2.6. Усули барномарезӣ ........ **61**
2.6.1. Асли ҳадафгузорӣ: Goal sitting ........ **61**
2.6.1.1. Зарурият ва аҳамияти ҳадафгузорӣ ........ 62
2.6.1.2. Хусусиятҳои ҳадафи созмон ........ 62
2.6.1.3. Усули аҳдофи созмонӣ ........ 63
2.6.2. Асли оянданигарӣ: Forecast ........ **65**
2.6.2.1. Мафҳуми оянданигарӣ ........ 66
2.6.2.2. Омилҳои таъсиргузор бар оянданигарӣ ........ 66
2.6.2.3. Меҳварҳои пешбинӣ ........ 67
2.6.2.4. Усули оянданигарӣ ва ё пешбинӣ ........ 68
**2.6.2.4.1. Асли тарҳрезӣ** ........ 68
**2.6.2.4.2. Асли огоҳӣ ва қудрат** ........ 69
**2.6.2.4.3. Асли иртиботот ва ҳамкорӣ** ........ 69
**2.6.2.4.4. Асли эҳтисоби неруи инсонии лозим** ........ 70
Ҷамъбандӣ ........ 70
2.6.3. Асли тасмимгирӣ: Decision-Making ........ **70**
2.6.3.1. Мафҳуми тасмимгирӣ ........ 71
2.6.3.2. Аҳамият ва зарурати тасмимгирӣ ........ 72
2.6.3.3. Анвоъ ва шеваҳои тасмимгирӣ ........ 73
2.6.3.4. Мавонеи тасмимгирӣ ........ 75
2.6.3.5. Усули муҳимми тасмимгирӣ ........ 76
**2.6.3.5.1. Асли масъалаёбӣ** ........ 77
**2.6.3.5.2. Асли ҷамъоварии иттилоот** ........ 78
**2.6.3.5.3. Асли машварат** ........ 79
**2.6.3.5.4. Асли истифода аз таҷриба** ........ 81
**2.6.3.5.5. Асли парҳез аз шитобзадагӣ** ........ 82
**2.6.3.5.6. Асли дурбинӣ ва дурандешӣ** ........ 82
**2.6.3.5.7. Асли қотеият дар тасмимгирӣ** ........ 83
**2.6.3.5.8. Асли таваккул** ........ 84
Ҷамъбандӣ ........ 84
2.6.4. Асли мудирияти замон: Time Management ........ **85**
2.6.4.1. Мафҳуми мудирияти замон ........ 86
2.6.4.2. Омилҳои исрофи вақт ........ 87
2.6.4.3. Усули мудирияти замон ........ 88
**2.6.4.3.1. Асли зарурияти истифодаи муносиб аз фурсатҳо** ... 89
**2.6.4.3.2. Асли шитоб кардан дар фурсатҳо** ........ 89

**2.6.4.3.3. Асли тақсими вақт барои истифодаи муносиб аз фурсатҳо** ..... 90
**2.6.4.3.4. Асли тақсими кор барои истифодаи муносиб аз фурсатҳо** ..... 90
**2.6.4.3.5. Асли анҷоми кор дар замони худ** ..... 91
**2.6.4.3.6. Асли риояти авлавиятҳо** ..... 93
**Ҷамъбандии боби дувум** ..... 95
**Боби 3: созмондиҳӣ «Organizing»** ..... 97
Даромад ..... **99**
3.1. Мафҳуми созмондиҳӣ ..... **100**
3.2. Хусусиятҳои созмондиҳии хуб ва муносиб ..... **101**
3.3. Усули созмондиҳӣ ..... **102**
3.3.1. Асли тақсими кор: Allocation of work ..... **103**
3.3.1.1. Мафҳуми тақсими кор ..... 104
3.3.1.2. Гунаҳои табақабандӣ ва тақсими кор ..... 104
3.3.1.3. Асли шароти кор ..... 106
3.3.1.4. Асли шароити коркунон ..... 107
3.3.1.5. Тақсими кор ба гурӯҳҳо ..... 107
3.3.1.6. Тақсими кор ба афрод ..... 108
3.3.1.7. Зобита ба ҷои робита ..... 108
Ҷамъбандӣ ..... **109**
3.3.2. Асли шарҳи вазифаҳо: Job description ..... **109**
3.3.2.1. Асли шарҳи вазифаҳо барои расондани созмон ба ҳадафҳояш ..... 110
3.3.2.2. Асли тасҳилоти роҳбарӣ (Leadership Facilities) ..... 111
3.3.2.3. Асли риояти суботи ҳамроҳ бо асли инъитоф ..... 111
Ҷамъбандӣ ..... **113**
3.3.3. Асли ваҳдати фармондеҳӣ (Unity of Command) ..... **113**
3.3.3.1. Мафҳуми ваҳдати фармондеҳӣ ..... 114
3.3.3.2. Асли итоат аз фармондеҳ ..... 115
Ҷамъбандӣ ..... **115**
3.3.4. Асли вогузоштани ихтиёр (Delegation of authority) ..... **116**
3.3.4.1. Мафҳуми вогузории ихтиёр ..... 120
3.3.4.2. Шароити вогузории ихтиёр ..... 121
3.3.4.3. Мазиятҳои вогузории ихтиёр ..... 122
3.3.4.4. Монеаҳои вогузории ихтиёр ..... 123
3.3.4.5. Роҳҳои ғалаба бар монеаҳои вогузории ихтиёр ..... 124
3.3.4.6. Усули вогузории ихтиёр ..... 125
**3.3.4.6.1. Асли вогузории қисмате аз ихтиёр** ..... 127
**3.3.4.6.2. Асли ҳамоҳангии масъулият бо тавоноиҳои зердастон** 127
**3.3.4.6.3. Асли вогузории ихтиёр пас аз имтиҳон** ..... 128
**3.3.4.6.4. Асли вогузории ихтиёр бо масъулиятхоҳӣ** ..... 129
**3.3.4.6.5. Асли вогузории ихтиёр ҳамроҳ бо назорат ва кантрол** ..129
**3.3.4.6.6. Асли қобили фасх будани вогузории ихтиёр** ..... 130
**3.3.4.6.7. Асли тамаркуз ва тамаркуз накардан дар вогузории ихтиёр** ..... 131

**3.3.4.6.8. Асли таодул дар вогузории ихтиёр** ..... 133
Ҷамъбандӣ ..... **133**
3.3.5. Алси иртиботот (Communication) ..... **134**
3.3.5.1. Мафҳуми иртиботот ..... 135
3.3.5.2. Мавзӯи иртиботот дар созмон ..... 136
3.3.5.3. Анвои иртиботот ..... 137
3.3.5.4. Монеаҳои иртиботот миёни афрод ва мудирон ..... 140
3.3.5.5. Усули иртиботот ..... 142
**3.3.5.5.1. Асли қудрати баён** ..... 142
**3.3.5.5.2. Асли нармхӯӣ** ..... 143
**3.3.5.5.3. Асли равшании паём** ..... 143
Ҷамъбандӣ ..... 144
3.3.6. Асли силсиламаротиб (Hierarchy) ..... **144**
3.3.6.1. Алси итоат дар силсиламаротиб ..... 145
3.3.6.2. Саф ва ситод (Line and Staff) ..... 149
**Ҷамъбандии боби севум** ..... 153
**Боби 4: роҳбарӣ (Leadeship)** ..... 155
Даромад ..... **157**
4.1. Мафҳуми роҳбарӣ ..... **160**
4.2. Тафовути роҳбарӣ бо мудирият ..... **161**
4.3. Назарияҳои роҳбарӣ ..... **166**
4.3.1. Назарияҳои хусусиёти фардии роҳбар ..... **166**
4.3.2. Назарияҳои рафтории роҳбарӣ ..... **169**
4.3.3. Назарияҳои иқтизоии (эҷобии) роҳбар ..... **172**
4.4. Унсури роҳбарӣ ..... **173**
4.5. Усули роҳбарӣ дар мудирият ..... **175**
4.5.1. Асли қудрат дар роҳбарӣ ..... **176**
4.5.1.1. Манобеъ ва ақсоми қудрат дар роҳбарӣ ва мудирият 176
Ҷамбъандӣ ..... **178**
4.5.2. Асли ангезиш (Motivation) ..... **179**
4.5.2.1. Мафҳуми ангезиш ..... 179
4.5.2.2. Назарияҳои ангезиш ..... 181
4.5.2.3. Ангезиш дар маҷмӯаҳои инсонӣ ..... 185
4.5.2.4. Усули ангезиш ..... 186
**4.5.2.4.1. Асли таъйини ҷаззобияти ҳадафҳо** ..... 186
**4.5.2.4.2. Асли ташвиқ ва танбеҳ** ..... 187
Ҷамъбандӣ ..... 190
**Ҷамъбандии боби чаҳорум** ..... 191
**Боби 5: кантрол ва назорат (Controlling)** ..... 193
Даромад ..... **195**
5.1. Мафҳуми кантрол ва назорат ..... **196**
5.2. Зарурият ва аҳамияти кантрол ..... **198**
5.3. Хусусиятҳои кантроли муассир ..... **199**
5.4. Умури манзура аз кантрол ..... **202**

5.5. Фароянди кантрол ........ **203**
5.6. Навъҳои кантрол ва назорат ........ **205**
5.7. Усули кантрол ва назорат ........ **207**
5.7.1. Истифода аз шеваҳои гуногуни кантрол ва назорат ........ **208**
5.7.1.1. Асли кантроли дарунӣ (худкантролӣ) (Self Control) ........ 208
5.7.1.2. Асли кантрол ва назорати берунӣ ........ 209
5.7.2. Ниҳодҳои назораткунанда ........ **213**
5.7.2.1. Мудирон ........ 213
5.7.2.2. Назорати ҳамагонӣ ........ 214
5.7.2.3. Виҷдони дарунӣ ........ 215
Ҷамъбандӣ ........ **216**
5.7.3. Асли умумияти кантрол ва назорат ........ **216**
Ҷамъбандӣ ........ **217**
5.7.4. Асли диққат дар кантрол ва назорат ........ **217**
Ҷамъбандӣ ........ **218**
5.7.5. Асли пайгирии гузориш ........ **218**
**Ҷамъбандии боби панҷум** ........ 221
**Калимаҳои калидии забони тахассусии мудирият** ........ 223
**Адабиёт** ........ 263

# Сарсухан

Илми мудирият (Менеҷмент) аз панҷ рукн (сутун)и: “усул (принсипҳо)и мудирият, мудирияти манобе (захираҳо)и инсонӣ, мудирияти рафтори созмонӣ, мудирияти фарҳанги созмонӣ ва мудирияти роҳбурдӣ (стратегӣ)” иборат мебошад. Рукни аввалини он (усули мудирият) ба таври хусусӣ аз вазифаҳои мудирон (менеҷерон) баҳс мекунад, ки ба он принсипҳо ё усули мудирият мегӯянд.

Ин китоб аз панҷ боб ташкил ёфта, ки ҳар боби он чанд фаслро ба худ ихтисос додааст.

Дар боби якум дар бораи мафҳуми мудирият, таърихчаи мудирият, мактабҳои мудирият, аркони мудирият ва баҳсҳои марбут ба созмон ва ғайра ишора мешавад.

Дар боби дуюм дар бораи аввалин вазифаи мудирон, ки барномарезӣ аст баҳсу мунозира мешавад.

Дар боби сеюм дар хусуси созмондиҳӣ ва ё худ ҳамон ташкилот, ки тақсими вазифаҳо аст, сухан ба миён хоҳад омад.

Дар боби чаҳорум дар бораи вазифаи роҳбарии мудирон суҳбат хоҳад шуд.

Ва ниҳоятан дар боби панҷум дар бораи вазифаи кантрол гапу гуфтугӯ мешавад.

Дар ин китоб аз адабиёти илми мудирият, ки ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ва арабӣ навишта шудааст баҳра бурда шудааст.

## Вожагони калидӣ

**Мудирият:** фароянди барномарезӣ, созмондиҳӣ, роҳнамоӣ ва кантроли созмон бо истифода аз захираҳои инсонӣ ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои амалкарди созмон. (Баруманд, 1385 с: 43)

Асл: як назарияи асосӣ ки барномае ва ё як низом бар асоси он аст. Қонуне, ки тарзи корҳоро тавзеҳ дода ва ё як нерӯи табиӣ дар ҷаҳонро тавзеҳ медиҳад. Як назария ва ё қонуни асосӣ ки ба тавзеҳ ва ё кантроли инки чигуна чизе иттифоқ меафтад ва ё кор мекунад, мепардозад. (Муродӣ ва Қумиён, 1392 с: 53).

**Усул**: ҷамъи асл ба маънои реша ва пояи ҳар чизе, ки ҳамеша собит ҳастанд.

**Усули мудирият**: ҳамон вазифаҳои аслӣ ки ҳамеша мудирон анҷом медиҳанд.

**Барномарезӣ**: фароянди ҳадафгузорӣ ва таъйини он чи ки барои муҳаққақ шудани онҳо бояд анҷом шавад, аст.

**Созмондиҳӣ**: фароянди ба ӯҳда гирифтани вазифаҳо, тахсис додани манбаъҳо ва тартиб додани

фаъолиятҳои ҳамоҳанг дар иҷрои барномаҳо. Фароянди ҷамъ кардани дигарон ва дигар манбаъҳо дар анҷоми вазифаҳое, ки ба таҳаққуқ бахшидани ҳадафи муштарак поён бахшад.

**Роҳбарӣ**: иборат аст аз тавоноии ҳидояти инсонҳо дар ҷиҳат ва масире, ки худашон наметавонанд ба роҳатӣ ва муваффақият онро пеш баранд ва ба ҳадафу мақсадашон бирасанд.

**Кантрол**: фароянди санҷиши амалкард ва ба даст овардани итминон аз натиҷаҳои матлуб ва мавриди писанд. (Баруманд, 1385 с: 15-55).

# Боби 1: куллиёт

Дар ин боб мавзӯоти зерро мехонед:

1.1. Мафҳуми мудирият

1.2. Мудирият илм аст ё ҳунар?

1.3. Таърихи мудирият ва сайри таърихии мактабҳои он

1.4. Мудирият дар асрҳои миёна

1.5. Мактабҳои мудирият

1.6. Дараҷаҳои мудирият (мудирони мухталиф)

1.7. Мафҳуми созмон

1.8. Тақсимоти созмон

1.9. Усули мудирият

1.10. Мудирияти захираҳои инсонӣ

1.11. Мудирияти рафтори созмонӣ

1.12. Мудирияти фарҳанги созмонӣ

1.13. Мудирияти стратегӣ

## Даромад

Дар ин боб аз чистӣ ва таърифи мудирият, таърихи мудирият, мактабҳои мудирият, усули мудирият ва созмон ва тақсимоти он баҳс мешавад.

## 1.1. Мафҳуми мудирият

Барои мудирият (Management) маъноҳои бисёре аз тарафи олимон ва донишмандон шудааст, ки дар инҷо ба чандто аз онҳо ишора мекунем.

Мудирият, фароянди барномарезӣ, созмондиҳӣ роҳнамоӣ ва кантроли истифода аз захираҳо ҷиҳати таҳаққуқи ҳадафҳои амалкард аст. (Баруманд, 1385 с: 43).

Мудирият маҷмӯае аз фаъолиятҳо (шомили барномарезӣ, тасмимгирӣ, созмондиҳӣ, роҳбарӣ ва идоракунӣ) бар рӯи манбаъҳои созмон ва муассисаҳои (инсонӣ, молӣ, физикӣ ва иттилоотӣ) бо ҳадафи дастёбӣ ба мақсадҳои созмон ба шаклҳои корӣ ва таъсирбахш аст. (Пирӯз, Хидматӣ, ва Шафиӣ, 1384 с: 3).

Бархе аз андешамандон мудириятро илму ҳунари муташаккил ва ҳамоҳанг кардану роҳбарӣ ва идораи фаъолиятҳои дастаҷамъӣ барои расидан ба мақсад ё мақсадҳои муштарак бо бештарин корои медонанд.

Қисми муштараки таърифҳои мудирият таҳаққуқ бахшидан ба ҳадафҳо ва мақсадҳои созмонӣ аз тарафи дигарон аст, ки мудирият ба воситаи инсонҳо ва гурӯҳҳо ҳадафҳои созмонро таҳаққуқ мебахшад. (Давлатӣ, 1380 с: 25).

Нуктаи муҳим ин аст, ки таҳаққуқи ин фароянд ва ҷараён ба василаи анҷоми вазифаҳои асосии мудирон (яъне барномарезӣ, созмондиҳӣ, роҳнамоӣ, роҳбарӣ ва идора кардан) ва бо таваҷҷӯҳ ба низоми арзиши ҳоким бар созмон имкон меёбад, бинобарин барои фаҳми дурусти фароянди мудирият лозим аст бо вазифаҳои аслии мудирон ошно шавем. (Таваккулӣ, 1383 с: 16).

## 1.2. Мудирият илм аст ё ҳунар?

Ҳамеша ин савол матраҳ будааст, ки мудирият илм аст ё ҳунар? Барои ба даст овардани посухи ин савол ба назарияҳои додашуда ишораи кӯтоҳе мекунем.

Мудирият илм ва ҳунари ташаккулёфта, ҳамоҳанг кардан, роҳбарӣ ва идора кардани фаъолиятҳои дастаҷамъӣ барои расидан ба ҳадафҳои хуб бо бештарин маҳсулот аст. Мудирият илм аст, яъне метавон онро аз тариқи омӯзиш аз худ кард. Мудирият ҳунар аст яъне доштани истеъдоди зотию дарунӣ дар иҷро ва ба кор гирифтани маҳоратҳои мудирият. (Раҳмонӣ, 1385-86. с: 8).

Мудирият танҳо донистани омӯзишҳои илми мудирият нест балки ҳунари фаротар аз доштани дараҷаи илмӣ ва дониш аст. Баъзе аз донишомӯхтагони риштаи мудирият аз анҷоми бисёре аз корҳои хурди худ низ нотавонанд дар ҳоле, ки гоҳе касоне, ки дар заминаи мудирият таҳсили донишгоҳӣ надоранд аммо аз таҷрибаи мудирият бохабаранд, дар мудирияти калон муваффақ ҳастанд. (Раҳимӣ, 1385 с: 8).

мудирият илм аст, чун дар баргирандаи маҷмӯае аз мабодӣ ва назарияҳое аст, ки дар мазмуни он назариёт як даста аз ҳақиқатҳои ҷавҳарию асосӣ зоҳир ва намоён мешавад, ки эътимод намудан ба онҳо мумкин аст. Аммо инки фанну ҳунар аст, ба ҷиҳати эътимод ва такяе аст, ки ба истеъдоди шахс дар ба коргирии беҳтарин роҳ ва равише, ки бо истифода аз ин имконот вазифаҳояшро барои расидан ба бузургтарин натиҷаҳо ба хубӣ анҷом медиҳад, мебошад. (Ҷавдат Абул-ъайнайн, 2002 с: 50-57).

## 1.3. Таърихи мудирият ва сайри таърихии мактабҳои он

Агар бихоҳем дар бораи таърихчаи мудирият, таърихи маълумеро пешкаши шумо намоем, бояд гузаштаи онро бо замони иҷтимоӣ шудани инсонҳо ва ташкили ҷомеаҳои инсонӣ ва баъд аз он ташкили қабилаҳо, тоифаҳо ва созмонҳо нисбат диҳем. Дар ҳар макон, ки чанд нафар бо ҳам ҷамъ мешуданд, маҷбур буданд, ки як нафарро ба унвони раис интихоб кунанд то инки корҳо ба хубӣ идора шаванд. Будани ҳоким, фармондор ва ташкил намудани ҳукуматҳо аз эҳтиёҷ ба як мудир сарчашма гирифтааст. Бо хондани таърих дида мешавад, ки ҳарвақт подшоҳон ё ҳокимҳо бо мудирияташон корҳоро бисёр хуб идора намуда, ва ё вазири лаёқатманди кордон ва доноёнро ба кор мансуб намудаанд, тавонистаанд хидматҳои бузургеро барои мардум намуда ва ҳукумати худро хуб ҳифз

намуда номи неке аз худ барҷой гузоштаанд. Аз тарафи дигар агар бо мудирияти заиф корҳоро идора карданд, зарарҳои ҷубронnопазиреро аз худ боқӣ гузоштанд, ки ҳатто кишварро аз даст доданд, ва номи бади онҳо дар таърих сабт шудааст. (Баротӣ Алавиҷа, 1380, с: 15).

Ҷорҷ Елвуд[1] дар ин бора мегӯяд: "иртиботи таърихии мудирият марбут ба таърихи ба вуҷуд омадани инсон буда, ва ба сурати иртиботи фаръ бар асл мебошад. Дар замони қадим дар миёни мардумон мудироне вуҷуд доштанд, аммо чизе аз мудириятро наменавиштаанд, балки ба сурати амалӣ мудирият намуда, ва баъзе аз усули мудирият аз ҷумла: роҳбарӣ, созмондиҳӣ, танзими корҳо ва қабули қонунҳоро мешинохтанд". (Ҷавдат, с: 23).

Дар китобҳои таърихӣ ҳам ба мудирияти тамаддунҳо, монанди: тамаддуни фиръавниён дар Миср, самуриён, бобулиён, чиниҳо ва ғайри инҳо ишора шудааст. (Ҷавдат, с: 23).

## 1.4. Мудирият дар асрҳои миёна

Давраҳои асрҳои миёна, ба далели рукуд ва уфули андеша дар мағрибзамин, ба асри ҷаҳл ва торикӣ шуҳрат ёфтааст. Шояд битавон гуфт, ки дар он замон ҳеҷ як аз маорифи башарӣ шоҳиди рушди хуб набудааст.

Албатта илми мудирият, ба сабаби ниёзи ҷомеаҳо, мавриди таваҷҷӯҳ будааст. Вале дар асрҳои миёна ин

1. George Ellwood.

илм низ монанди дигар илмҳо дар мағрибзамин пешрафтҳои хубе надоштааст. Бар хилофи ин, дар миёни шарқиён хусусан мутафаккирони мусалмон, илми мудирият пешрафти қобили таваҷҷӯҳе доштааст. Барои мисол метавон аз таҳқиқот ва назарияҳои "Ғаззолӣ" ва "Форобӣ" дар ин бора ном бурд. "Ҷорҷ" ки яке аз устодон ва нависадагони ғарбӣ аст мегӯяд: "Ғаззолӣ ва Форобӣ ба сифатҳо ва вижагиҳои мудир ва роҳбар таваҷҷӯҳ кардаанд". (Таваккулӣ, с: 26).

## 1.5. Мактабҳои мудирият

Муҳимтарин мактабҳое, ки дар заминаи мудирият, донишмандон ба ҳисоб овардаанд; мактабҳои: классик, неоклассик, назарияи систем ё баррасии созмон дар қолаби систем, мактаби иқтизо (ситуатсионӣ) дар мудирият ва назарияи нақшҳои мудириятӣ мебошанд. Акнун ба таври мухтасар ба шарҳи ҳар як аз ин мактабҳо мепардозем.

### 1.5.1. Мактаби классикии мудирият

Дар ҳар риштае аз ҳунарҳо, фанҳо ва донишҳо пешқадамон ва роҳравони аввалини он роҳ ва усули вазъ шуда аз тарафи онро, классик ва ё суннатӣ меноманд.

Аз миёни сардамдорони давраи классикии мудирият, ба андешаҳои се тан, ки бештарин таъсирро дар дунёи санъатӣ ва бозаргонии навин доштаанд, ишора шудааст, ки ин андешамандон

Тейлор (1911)[1] Файол (1916)[2] Вебер (1920)[3] ва дигарон мебошанд. (Ризоинажод, 1385. с: 19).

Бо пешомади инқилоби санъатӣ ва дигаргуниҳои нашъат гирифта аз он, монанди: пешрафти фанноварӣ, истеҳсол ва тавсеаи санъатҳо, заминаи муносиб барои ошкор шудани тафаккурҳое дар мудирият ба вуҷуд омад. Андешаҳои ташкил шуда аз равишҳои илмӣ буд ва маншаи дигаргунии бузург дар мудирият шуд, сарчашмаи дигаргунӣ, кӯшишҳо ва мутолиаҳое аст, ки сабаби ошкор шудани назарияҳои нав дар мудирият шуд ва баъдан ба унвони "мактаби классикии мудирият" машҳур гашт.

Се назария: мудирияти илмӣ[4], мудирияти идоракунии маъмурӣ ва бюрократӣ)[5], назарияҳое ҳастанд, ки мактаби классикӣ ё ҳамон ақлонии мудириятро ташкил медиҳанд. (Таваккулӣ, с: 29).

Фредрик Винеслав Тейлор (1856-1915м) яке аз донишмандони илми мудирият аст, ки ба сабаби тарҳи назарияи "мудирияти илмӣ" ва нақши асосие, ки дар пешрафт ва густариши он доштааст, ӯро ба унвони падари мудирияти илмӣ ном мебаранд. (Таваккулӣ, с: 31).

"Анри Файол" (1841-1925м) назарияпардози

1. Фредерик Винеслав Тейлор (Frederick Winslow Taylor).
2. Анри Файол (Henri Fayol).
3. Максимилиан Карл Эмил Вебер (Maximilian Carl Emil Weber).
4. Scientific Management.
5. Bureaucracy.